**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

ВБД: 336.648 (575.3) *Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ДАВЛАТОВ НАВРӮЗ АМИРШОЕВИЧ**

# РОҲҲОИ ТАЪМИНИ СУБЪЕКТҲОИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ БО ЗАХИРАҲОИ МОЛИЯВИЮ ҚАРЗӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**АВТОРЕФЕРАТИ**
**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии**
**номзади илмҳои иқтисодӣ**
**аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

**Душанбе - 2022**

**Диссертатсия дар кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.**

**Роҳбари илмӣ:** **Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Мирсаидов Аврор Бобоевич,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директор оид ба корҳои илм ва таълими Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**Махшулов Саидхуҷа Ҷумъаевич,** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

Ҳимояи диссертатсия дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи «29» декабри соли 2022, соати $14^{00}$ баргузор мегардад. Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Буни Ҳисорак, Шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7 ауд. 102, e-mail: ds_6d.koa-003@mail.ru, телефони котиби илмӣ: (+992) 900171759

Бо диссертатсия дар Китобхонаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва тавассути сомонаи: www.tnu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____» _________ 2022 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ, доктори илмҳои иқисодӣ, дотсент** **Қурбонов А.К.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Мушкилоти истифодабарии захираҳои молиявию қарзӣ дар соҳаи кишоварзӣ ҳамчун омили таъсирбахши рушди иқтисодиёти миллӣ, тағйироти сохтории он ва баланд бардоштани сатҳи самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Самаранок истифода бурдани захираҳои ҷалбгардида таҳлили амиқи илмӣ ва омӯзиши усулҳои муосири татбиқро ба худ талаб менамояд. Аксари барномаҳои дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ дар Тоҷикистон дар шакли лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ, ё ин ки шартномаҳои қарзӣ ба субъектҳои кишоварзӣ пешниҳод мегарданд. Қарздиҳӣ ба соҳаи кишоварзӣ ҳамчун як омили ҳавасмандгардонии субъектҳои соҳаи кишоварзӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо баромад мекунад.

Дар солҳои охир дар кишварҳои пешрафтаи саноатӣ ба қарздиҳии субъектҳои соҳаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар марҳилаи ташаккулёбии он таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда мешавад. Қариб дар ҳамаи кишварҳо қоидаҳои махсуси қарздиҳӣ ба истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ вуҷуд доранд ва низомҳои қарздиҳӣ асосан ба муассисаҳои махсуси молиявию қарзии давлатӣ такя мекунанд.

Таҷрибаи дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ дар кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки новобаста ба сатҳи рушди иқтисодӣ ба бахшҳои гуногуни соҳаи кишоварзӣ кӯмакҳои молиявии ҳаҷман калони давлатӣ расонида мешавад. Ҳадафи ниҳоии онҳо таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хушсифати кишоварзии нархаш қобили қабул ва то ҳадди имкон фароҳамсозии шароитҳо барои таъмини сатҳи даромаднокии мӯътадили истеҳсолӣ мебошад. Деҳқонон, иҷорагирон ва умуман субъектҳои соҳаи кишоварзӣ дар бисёр риштаҳои иқтисодӣ ба муассисаҳои давлатӣ алоқамандии зич доранд ва ин муносибатҳо мунтазам такмил меёбанд. Ҳеҷ кас ҳеҷ гоҳ чунин қарорҳоеро, ки деҳқонро фавран дар вазъияти номусоид гузорад, қабул намекунад. Албатта, ин ба он хоҷагиҳое, ки самаранокии паст доранд, дахл надорад.

Зарурати дастгирии субъектҳои кишоварзӣ дар сатҳи минтақавӣ ва маҳаллӣ аён аст, аммо бинобар номукаммалии чорабиниҳо дар сатҳи минтақавӣ оид ба дастгирии соҳаи кишоварзӣ дар пояи зуҳуроти фасод, муқаррар кардани монеаҳо дар низоми воридот ва содироти маҳсулоти кишоварзӣ, ҳимояи бозори дохилӣ (протексионизм) ба нафъи истеҳсолкунандагони кишоварзии алоҳидаю ба зиёни дигарон мушоҳида мешавад. Доир ба масоили дастгирии субъектҳои соҳаи кишоварзӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ аз 21 декабри соли 2021 қайд намуданд, ки « ... бо мақсади дастгирӣ дар шароити тағйирёбии иқлим ва офатҳои табиӣ, бахусус, хушксолӣ ва обхезӣ, паҳншавии бемории КОВИД–19 дар ду соли охир ва пешгирӣ кардани таъсири манфии онҳо кишоварзони мамлакат дар соли 2021 аз пардохти андоз аз истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, яъне андози ягона озод карда

мешаванд»[1]. Албатта, дастгирии мазкур то як андозае ба сатҳи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ таъсири мусбӣ расонид, лекин он баъзе муаммоҳои дигарро низ ба миён овард, ки муҳимтарини онҳо дар мавзуи рисолаи мазкур қарор гирифтаанд.

Дар бобати сабабҳои самаранокии пасти дастгирии қарзӣ ва молиявӣ қайд намудан лозим аст, ки эҳтиёҷоти субъектҳои кишоварзӣ ба захираҳои молиявию қарзӣ масъалаи мубрам ба ҳисоб меравад, чунки бидуни ҷалби захираҳои молиявию қарзӣ ба рушди устувори истеҳсолоти кишоварзӣ дар кишвар ноил гардидан ғайриимкон мебошад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Ба омӯзиши масъалаи ҷалби захираҳои молиявию қарзӣ ба соҳаи кишоварзӣ таҳқиқотҳои олимони хориҷӣ - Дорнбуш Р., Кейнс Ҷ.М., Маркс К., Рикардо Д., Самуэлсон П., Сей Ж.Б., Смит А., Фишер С., Шарп У., Шмалензи Р. ва дигарон, олимони ватанӣ - Давлатзода Қ.Қ., Зиёев З.М., Қаюмов Н.К., Қодирзода Д.Б., Пириев Д.С., Раҳимзода Ш.М., Раҳимов Р.К., Саидмуродов Л.Х., Солеҳзода А.А., Хушвахтзода Қ.Х., Шарипов Б.М. ва дигарон бахшида шудаанд.

Хусусиятҳои хоси истифодаи захираҳои молиявию қарзии соҳаи кишоварзӣ дар корҳои илмии олимони хориҷӣ - Адамов Н.А., Акназарова Р.К., Арихов А., Басалаев Е.Б., Злочевский А.Л., Калучина З.И., Ковалев Е., Николаев С.И., Павлова Г., Рау В.В., Торопов Д., Ушачева И.Г. ва дигарон, олимони ватанӣ - Иброҳимзода И.Р., Қудратов Р.Р., Раҳимзода Ш.М., Раҳимов Р.К., Раҷабов К.Р., Умаров Х.У. ва дигарон дарҷ гардиданд.

Ба таҳқиқи роҳҳои беҳдошти вазъи соҳаи кишоварзӣ ва муҳити институтсионалии он корҳои илмии олимони хориҷӣ - Амосов А., Басалаева Е.Б., Буздалов А., Гумеров Р.О., Доржиева Д., Мухина Е., Элдиева Г.М., олимони ватанӣ - Ғаниев Т.Б., Исайнов Ҳ.Р., Қодирзода Д.Б., Низомова Т.Д., Обидов Ф.С., Одинаев Ҳ.А., Султонов З.С., Тағоев Ҷ., Уроқов Д.У., Усманова Т.Ҷ., Файзуллоев М.Қ. ва дигарон бахшида шуданд.

Дар айни ҳол, дар корҳои олимони мазкур масъалаҳои устувории таъмини молиявию қарзии субъектҳои кишоварзӣ, вазъи муосири дастгирии молиявию қарзии субъектҳои кишоварзӣ ва самтҳои афзалиятноки таъмини молиявию қарзии субъектҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ илман инъикоси худро наёфтаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба самтҳои асосии таҳқиқотҳои бунёдию амалӣ, аз ҷумла самтҳои «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016, №392), «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025» (қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, №636), «Барномаи маҷмӯавии рушди соҳаи чорводорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» / Душанбе, 21.12.2021. - [манбаи электронӣ] – URL: http://www.president.tj/node/27417

Тоҷикистон аз 27 марти соли 2018, №160), «Барномаи бехатарии маҳсулоти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2018, №520), инчунин, бо нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар доираи мавзуи «Масъалаҳои такмили танзими молиявии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ» мутобиқат менамояд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот -** таҳияи равишҳои методӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба беҳтар намудани таъминоти субъектҳои соҳаи кишоварзӣ бо захираҳои молиявию қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Мутобиқи мақсади таҳқиқот вазифаҳои асосии зерин муайян ва ҳал карда шуданд:

- таҳқиқ ва шарҳи моҳияти иқтисодии воситаҳои молиявию қарзӣ дар фаъолияти такрористеҳсолии субъектҳои соҳаи кишоварзӣ;
- асоснок намудани механизмҳои муосир ва принсипҳои ташаккулёбии захираҳои молиявию қарзии субъектҳои кишоварзӣ;
- арзёбии вазъи муносибатҳои муҳими молиявию қарзии таъмини эҳтиёҷоти субъектҳои кишоварзии Тоҷикистон;
- муайян намудани муаммоҳои танзими давлатӣ ва дастгирии молиявӣ-қарзии бахши аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- коркарди самтҳои асосии такмили сиёсати давлатӣ дар соҳаи қарздиҳии кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таҳияи модели математикии ҷалби захираҳои молиявию қарзӣ ва истифодаи онҳо дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот** раванди бо захираҳои молиявию қарзӣ таъмин намудани субъектҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Мавзуи таҳқиқот** муносибатҳои молиявӣ ва истеҳсолие мебошанд, ки дар раванди таъмини захираҳои молиявию қарзии субъектҳои кишоварзӣ ба миён меоянд.

**Фарзияи таҳқиқоти илмӣ** – истифодабарии самараноки захираҳои молиявию қарзӣ дар байни субъектҳои соҳаи аграрӣ барои афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар нақши муҳим дорад. Барои таъмини самараи мусбии захираҳо таҳияи стратегия ва барномаҳои миёнамуҳлату дарозмуҳлат лозим аст, то ин ки тавассути таъсири фишангҳои молиявии давлатӣ марҳилаҳои раванди такрористеҳсоли васеъ дар субъектҳои соҳаи кишоварзӣ пурра дар амал татбиқ карда шаванд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот** аз корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи ташаккул ва татбиқи сиёсати муосири истифодаи захираҳои молиявӣ дар соҳаи кишоварзӣ, ҷанбаҳои бунёдии рушди муносибатҳои молиявию иқтисодӣ, инчунин натиҷаҳои таҳқиқоти монографӣ ва нашриёҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур иборат мебошад.

**Асосҳои методологии таҳқиқот** аз усулҳои диалектикӣ оид ба мавзуи таҳқиқот мебошанд, ки омӯзиши пайдарпайии муносибатҳои молиявӣ ва қарзиро дар рушд ва робитаи байниҳамдигарӣ таъмин мекунанд. Дар кори илмӣ чун қоида усулҳои умумии илмӣ, аз қабили абстраксияи илмӣ, таҳлили мантиқӣ ва синтез истифода шудааст. Ба сифати усулҳои махсус равишҳои таърихӣ, систематикӣ, комплексӣ, гурӯҳӣ, моделӣ, муқоисавӣ, индексӣ, монографиявӣ ва ғайра истифода шудаанд.

**Сарчашмаи маълумот** аз ҷамъбасту хулосаҳои назариявӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, маводи конфронсҳои илмию амалӣ, монографияҳо ва дигар маводи дар нашрияҳои даврӣ чопшуда, захираҳои иттилоотии «Internet», коркарди маводҳои шахсӣ ва ҳисобҳои муаллиф иборат мебошанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертсионӣ дар заминаи кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар солҳои 2018-2022 гузаронида шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар асосноккунии ҷанбаи назариявӣ ва методологии истифодаи захираҳои молиявию қарзӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба такмили механизми дастгирии молиявию қарзии фаъолияти субъектҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегардад. Натиҷаҳои муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки аз навгонии илмӣ иборатанд, инҳо мебошанд:

- дар асоси таҳлили назарияҳои мавҷуда моҳияти иқтисодии воситаҳои молиявию қарзӣ дар фаъолияти такрористеҳсолии субъектҳои кишоварзӣ таҳқиқ шуда, моҳияти дастгирии қарзӣ ва молиявӣ дар соҳаи кишоварзӣ, хусусиятҳои асосии дастгириҳои хоси молиявӣ, мисли тақсимоти маблағҳо дар асоси бозпардохт, ташкили воситаҳои молиявӣ барои муомилот ва иваз намудани пули нақд ва мониторинги фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ коркард гардиданд. Таҳлилҳо собит намуданд, ки имрӯзҳо соҳаи кишоварзӣ эҳтиёҷ ба дастгирии самарабахши молиявӣ дорад. Дар ин раванд механизмҳои иқтисодии фаъол ва инфрасохтори молиявию қарзии истеҳсолоти кишоварзӣ ва муайян кардани имкониятҳои дастгирии молиявиро дар навсозии соҳаи кишоварзӣ пурра ва дуруст тавсиф мекунанд.
- механизмҳои муосир ва принсипҳои ташаккулёбии низоми молиявию қарзии субъектҳои кишоварзӣ коркард гардида, муттаҳидии унсурҳои мавҷудаи дастгирии қарзӣ ва молиявии сохторҳои муҳими иқтисодиёти миллӣ ба таври пайдарҳамӣ, фишангҳои маъмурӣ ва бозорӣ ба иштирокчиёни раванди сармоягузорӣ пешниҳод гардидаанд. Дар ин ҷода амиқ карда шуд, ки муҳтавои дуруст дар бораи принсипҳо ва механизми татбиқи раванди қарздиҳии самарабахш ба субъектҳои соҳаи кишоварзӣ бе омӯзиши эҷодии нуқтаи назари

классикӣ роҷеъ ба қарз, ки ба низоми бонкдории муосир асос меёбад, амри муҳол аст.

- тавассути таҳлили нишондиҳандаҳои маҷмӯӣ (макроиқтисодӣ) ва соҳавӣ ҳолати таъмини субъектҳои кишоварзӣ бо захираҳои молиявию қарзӣ ва сатҳи истифодабарии онҳо баҳогузорӣ карда шуда, натиҷаҳои мусбию манфии он дар раванди дастгирии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ошкор карда шуданд; Яке аз ин раванди дастгирии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ин дуруст истифода шудани захираҳои молиявию қарзӣ мебошад. Аз ин рӯ, дар таҳқиқотҳо нишон дода шудааст, ки дар рушди истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ захираҳои молиявию қарзӣ ҳамчун фишанги молиявӣ ба афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ таъсири мусбӣ мерасонад.

- муаммоҳои танзими давлатӣ ва дастгирии бахши аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва таҳқиқ гардида, зарурияти татбиқи фишангҳои махсусуи молиявӣ дар раванди танзими давлатии соҳаи кишоварзӣ ва муносибатҳои байни истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ бо мақсади ҳалли муаммоҳо дар чаҳорчӯбаи принсипи бозорӣ асоснок карда шудааст. Дар ин самт нақши давлат ҳамчун субъекти идоракунӣ дар амри ба таври возеҳ муқаррар кардани ваколатҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мақомоти дахлдори иҷроия ва иқтисодӣ муҳим арзёбӣ мегардад;

- самтҳои асосии сиёсати давлатии қарзи кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пояи таҳияи консепсияи илмии ташкили муносибатҳои қарзӣ, муқаррар намудани мақсадҳо дар соҳаи қарздиҳии кишоварзӣ ва чораҳои амалии татбиқи онҳо коркард шудаанд. Воситаҳои аз ҳама самарабахши татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи рушди институтсионалии низоми қарздиҳӣ ва молиявии эҳтиёҷоти корхонаҳои кишоварзӣ ва аҳолии деҳоти Тоҷикистон барномаҳои ҷумҳуриявӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ оид ба рушди соҳаи кишоварзӣ ва дастгирии аҳолии деҳот мебошанд;

- модели математикии рушди захираҳои молиявию қарзӣ ва истифодабарии онҳо дар соҳаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таҳия карда шуд, ки тибқи он ҳаҷми истифодабарии маблағгузориҳои буҷети давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ 1257,73 млн. сомонӣ, бақияи амонатҳои шахсони воқеӣ дар бонкҳо ба 8494,1 млн. сомонӣ ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба 52511,85 млн. сомонӣ баробар мегардад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- равиши муосири моҳияти иқтисодии воситаҳои молиявию қарзӣ, дастгирии қарзӣ ва молиявӣ, хусусиятҳои асосии дастгириҳои хоси молиявӣ дар байни субъектҳои кишоварзӣ.

- механизми муосир ва принсипҳои ташаккулёбии истифодаи захираҳои молиявию қарзии субъектҳои кишоварзӣ;

- вазъи ҳозира ва тамоюлҳои муҳими рушди захираҳои молиявию қарзии субъектҳои кишоварзии Тоҷикистон;

- муаммоҳои такмили механизми танзими давлатӣ ва дастгирии бахши аграрӣ бо захираҳои молиявию қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- такмили сиёсати қарздиҳии субъектҳои соҳаи кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии қарзи кишоварзӣ аз ҷониби ниҳодҳои молиявию қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар амиқ намудани методологияи иқтисодӣ-молиявӣ ва таҳлили институтсионалии захираҳои молиявию қарзӣ дар соҳаи кишоварзӣ, муайянсозии ҷанбаҳои муҳими танзими истифодаи захираҳои молиявию қарзӣ ва таҳияи консепсияи рушди устувори он инъикос меёбад. Хулоса ва пешниҳодҳои бадастомада доираи таҳқиқоти мавҷударо дар соҳаи истифодаи захираҳои молиявию қарзии бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ намуда, метавонанд ба пояи низоми мӯътадили фаъолияти корхонаҳои саноатӣ бо мақсади таъмини рушди самараноки иқтисоди миллӣ ворид карда шаванд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз коркарди тавсияҳои мушаххас оид ба такомули усулҳо ва муайяннамоии роҳҳои баландбардории самаранокии истифодабарии захираҳои молиявию қарзӣ дар соҳаи кишоварзӣ иборат аст.

Татбиқи чораҳои пешниҳодгардида оид ба истифодабарии захираҳои молиявию қарзӣ имкон фароҳам меорад, ки механизми самаранок идоракунии раванди ҷалби захираҳои молиявию қарзӣ, фоида, дороиҳо ва уҳдадориҳо, бозоргирӣ ва хавфҳо пайваста ба такмили низоми истифодабарии захираҳои молиявию қарзӣ дар соҳаи кишоварзӣ мусоидат хоҳад кард.

Хулосаҳои асосии назариявӣ ва амалии диссертатсия метавонанд дар фаъолияти ташкилотҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва амалии бахши истифодабарии захираҳои молиявию қарзӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода карда шаванд. Паҳлӯҳои алоҳидаи диссертатсия метавонанд ҳангоми таълимдиҳии фанҳои дарсии «Пул, қарз, бонк», «Асосҳои сиёсати молиявию қарзӣ», «Сармоягузорӣ», «Иқтисоди миллӣ» ва «Молия ва қарз» мавриди истифода қарор гиранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо озмоишҳо, саҳеҳии маълумотҳо, ҳаҷми кофии маводи таҳқиқот, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва мақолаҳо собит карда шудааст. Хулосаву тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқот мутобиқ ба Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шудааст. Объект, мавзуи таҳқиқот ва навгониҳои диссертатсия ба Шиносномаи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, банди 9.1 - Назария, методология, консепсияҳо ва базаи усули (принсипҳои) асосии қарзӣ ҳамчун ҷанбаҳои падидаи системаи қарзӣ; 9.3 – Инкишофи зерсохтори муносибатҳои муосири қарзӣ, шаклҳо ва методҳои пешниҳоди қарз; 9.4 - Амсиласозии системаи қарзӣ ва механизми қарзӣ; 10.3 - Проблемаҳои таъмини ҳамоҳангии пулию қарзӣ, макросиёсат ва микроравиш нисбат ба рушди системаи бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи давраҳои иҷроиши нақшаи кори илмӣ, таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва

мубрамияти он, мақсадҳои гузошташуда ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби муаллиф ба анҷом расонида шудаанд. Дар раванди таҳқиқот муаллиф раванди истифодабарии захираҳои молиявию қарзӣ дар соҳаи кишоварзиро омӯхта, роҳҳои баландбардории самаранок истифодабарии захираҳои молиявию қарзӣ дар соҳаи кишоварзиро коркард ва самтҳои афзалиятноки онро дар кишвар таҳия намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли хулоса ва пешниҳодҳо дар мақолаҳои илмӣ пешниҳод гардидаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Хулоса ва натиҷаҳои рисолаи мазкур ба Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (№2/и-2824 аз 12.10.2022), Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (№21-04 аз 10.03.2022) барои истифода пешниҳод шуда, санад оид ба татбиқи пахлуҳои он мавҷуд аст.

Муқаррарот ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз тарафи муаллиф дар конференсияҳо ва семинарҳои ҷумҳуриявию байналмиллалӣ, семинару конфронсҳо дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (солҳои 2018-2022) муҳокима шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муқаррароту натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 15 мақолаҳои илмии муаллиф, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаву нашрияҳои мансуб ба номгӯйи маҷаллаву нашрияҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Ҳаҷми умумии корҳои илмии чопгардида оид ба мавзуи диссертатсия 6,2 ч.ч.-ро ташкил медиҳад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст. Диссертатсия дар ҳаҷми 179 саҳифаи матни компютерӣ баён гардида, 15 ҷадвал, 15 расм ва феҳристи адабиёти истифодашудаи иборат аз 200 маъхазро дар бар мегирад.

## ТАВСИФИ БОБҲО ВА ЗЕРБОБҲОИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Дар муқаддима** аҳамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, дараҷаи омӯзиши он аз нуқтаи назари илмӣ ва амалӣ баррасӣ гардида, ҳадаф, вазифаҳо, мавзуъ ва объекти таҳқиқот муайян шуда, инчунин, навгонии илмӣ ва аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок шудаанд.

**Дар боби аввал - «Асосҳои назариявии ташкили таъмини воситаҳои молиявию қарзии субъектҳои кишоварзӣ»** таҳқиқи назарияҳои муосири воситаҳои молиявию қарзӣ дар раванди такрористеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, механизм ва принсипҳои танзими низоми дастгирии молиявию қарзии субъектҳои кишоварзӣ ва таҷрибаи давлатҳои хориҷа оид ба истифодабарии захираҳои молиявию қарзӣ дар бахши кишоварзӣ баррасӣ шудаанд.

**Дар боби дуюм - «Вазъи муосири таъмини захираҳои молиявию қарзии субъектҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** вазъи ҳозираи таъмини захираҳои молиявию қарзии субъектҳои кишоварзӣ ва натиҷаҳои он дар рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии Тоҷикистон, муаммоҳои танзими давлатӣ ва дастгирии бахши аграрӣ дар шароити муосир ва хусусиятҳои истифодабарии захираҳои молиявию қарзӣ аз ҷониби субъектҳои бахши кишоварзӣ таҳлил гардидаанд.

**Дар боби сеюм - «Самтҳои афзалиятноки таъмини захираҳои молиявию қарзии субъектҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** самтҳои асосии сиёсати давлатии қарзи кишоварзӣ, механизми мукаммалгардонии таъмини институтсионалии молиявию қарзии корхонаҳои кишоварзӣ, модели рушди захираҳои молиявию қарзӣ ва истифодабарии онҳо дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муайян ва пешниҳод гардидаанд.

**Дар хулосаи диссертатсия** оид ба масъалаҳои дар оянда зиёд кардани истифодаи оқилонаи захираҳои молиявию қарзӣ дар соҳаи кишоварзӣ оварда шуда, роҳҳои дар амалия дар шароити иқтисоди бозорӣ татбиқ намудани онҳо баён карда шудаанд.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Барои таъмини рушди устувор ва фаъолияти мунтазами субъектҳои кишоварзӣ дар рушди иқтисодиёти аграрӣ муносибати мунтазам ба раванди қарздиҳӣ ва дастгирии молиявӣ зарур аст. Ҳамасола аҳамияти афзояндаи ҷузъи молиявӣ дар фаъолияти азнавистеҳсолии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ аз он иборат аст, ки раванди доимии ҷалби воситаҳои молиявӣ барои маблағгузории эҳтиёҷоти кишоварзӣ талаб карда мешавад. Дар шароити бозор дахолати давлат дар тақсими захираҳои моддӣ ва молиявӣ маҳдуд аст, субъектҳои кишоварзӣ маҷбуранд, ки захираҳои моддӣ ва молиявиро мустақилона ҷустуҷӯ кунанд. Илова бар ин, ташаккули иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ аз ҳолати рушди зербахши кишоварзӣ, ки дар он таъсис ёфтааст ва ба минтақае, ки онҳо фаъолият мекунанд, вобаста аст.

Таъминоти қарзӣ ва молиявӣ барои эҳтиёҷоти рушди инноватсионии субъектҳои кишоварзӣ доираи васеи хизматрасониҳо, аз ҷумла пешниҳоди қарзҳои бонкӣ, тақсимоти қарзҳои буҷавӣ, сармоягузорӣ, барориши коғазҳои қиматнок, инчунин лизинг, факторинг, франчайзинг ва дигар амалиётҳоро дар бар мегирад.

Ҳангоми маблағгузории давлатӣ барои кишварҳои пасошӯравӣ ва минтақаҳои пасмонда чунин як манбаи қавии маблағгузорӣ барои субъектҳои хоҷагидорӣ, ба монанди пасандозҳои аҳолӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ, ки дар даромади миллии кишвар ташаккул ёфтааст, хеле муҳим аст. Кишварҳои дорои сатҳи баланди пасандозҳо метавонанд аз чор як ҳиссаи даромади миллиро барои сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ сарф кунанд, дар ҳоле ки одатан аз панҷ як ҳиссаи он сарф карда мешавад. Аммо афзоиши ҳиссаи амонатгузорӣ метавонад ба кам шудани ҳиссаи истеъмол оварда расонад, аз ин рӯ, аксуламали иҷтимоӣ ба чунин амалиётҳои ҳукумат аз ҷониби ҷомеа ва доираҳои соҳибкорӣ аксар вақт номусоид аст. Аз ин рӯ, роҳи беҳтарини таҳкими имкониятҳои сармоягузории давлат ин таъмин намудани афзоиши мунтазами даромади миллӣ мебошад, ки аз ҳисоби худи сармоягузорон ба раванди сармоягузории навсозии бахши аграрии иқтисодиёт равона карда мешавад.

Зимни таҳқиқот муайян гардид, ки захираҳои молиявию қарзӣ бозори муайяни худро таъсис медиҳанд. Бозори манбаъҳои қарзӣ ва молиявии маблағгузорӣ дар пояи таъсири пешрафти илмӣ ва техникӣ, шаклҳои прогрессивии ташкили истеҳсолот ва рушди иҷтимоӣ, инчунин ташаббуси

шахсӣ ва рақобат, имкон дорад, ба рушди мӯътадили кишоварзии ҳар кишвари дорои захираҳои рушди босамари иқтисодӣ ва расидан ба сатҳи зарурии некӯаҳволии иҷтимоӣ мусоидат намояд. Ҳамзамон, бозори захираҳои қарзӣ ва молиявӣ бояд ҳамчун маҷмӯи намудҳои гуногуни захираҳои сармоягузории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин захираҳое, ки дар ҳолати доимии тақсим ё тақсимоти доимӣ таҳти таъсири таносуби талабот ва таклифот ба ин захираҳо аз ҷониби субъектҳои хоҷагидорӣ қарор доранд, баррасӣ карда шаванд.

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки дар сохтори воситаҳои қарзӣ ва молиявӣ, ки фаъолияти субъектҳои соҳибкориро дастгирӣ мекунанд, захираҳои карзӣ  мавқеи марказиро доро буда, дар марҳилаи ташаккули корхонаҳои тиҷоратӣ дар соҳаи кишоварзӣ бештар дастрас мебошанд. Бо мақсади иҷрои вазифаи азнавтақсимкунӣ давлат дар ин раванд қарзро барои танзими таносуби истеҳсолот ва идоракунии сармояи умумии пул фаъолона истифода мебарад. Ин ҳангоми азнавтақсимкунии сармояи қарзӣ байни бахшҳо бо назардошти нишондиҳандаҳои бозор ва мувофиқи эҳтиёҷоти рушди иқтисодиёти миллӣ зуҳур меёбад. Табиати иқтисодии қарз дар доир аи субъектҳои соҳаи кишоварзӣ ҳамчун шакли  сармояи қарзӣ вазифаи навоваронаеро иҷро менамояд, ки рушди нерӯҳои истеҳсолии соҳаи кишоварзиро ҳавасманд намуда, раванди ташаккули манбаъҳои сармояро барои вусъати миқёси такрористеҳсол дар асоси дастовардҳои пешрафти илмӣ ва техникӣ суръат мебахшад.

Таҳлил нишон дод, ки рушди низоми дастгирии қарзӣ ва молиявии субъектҳои кишовазӣ бо механизми ташкили дастгирии қарзӣ ва молиявӣ зич алоқаманд аст. Рушди иқтисодии ҳамагуна кишварҳо таносуби оқилонаи корхонаҳои калон, миёна ва хурдро дар бар мегирад. Яке аз унсурҳои механизми бозорӣ ин тиҷорати хурд дар соҳаи кишоварзӣ аст. Ин раванд дар шароите, ки дар доираи онҳо истеҳсолоти кишоварзӣ фаъолият мекунад, нақши назаррас дорад. Бо назардошти он, ки ҳама гуна дастгириҳои молиявии истеҳсолот аз сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ ва гардон оғоз мешавад, механизми иқтисодии танзими такрористеҳсол бояд чораҳоеро фаро гирад, ки муносибатҳо ва равандҳои истеъмоли захираҳо ва сармоягузорӣ барои такрористеҳсол рушд кунанд. Мафҳуми «такрористеҳсол» ин такрори раванди истеҳсолӣ ва ба ин васила ҷамъоварии арзишҳои моддӣ ва молиявӣ нест.

Вазифаи асосии ҷамъшавии истеҳсолот афзоиш ва навсозии воситаҳои истеҳсолот мебошад. Бо ин васила раванди такрористеҳсолкунӣ таъмин карда шуда, дар давоми он эҳтиёҷоти аҳолии кишвар қонеъ карда мешаванд. Аз ин рӯ, раванди дастгирии молиявӣ пурра ба таъмини раванди муттасили истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва эҷоди маҳсулоти истеъмолкардаи ҷомеа нигаронида шудааст.

Механизми танзимкунандаи дастгирии молиявӣ ва қарзии субъектҳои хоҷагидорӣ маҷмӯи чораҳои мушаххаси меъёрӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ташкилӣ мебошад, ки ба таъмини захираҳои молиявӣ ва қарзӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ ва ба эҳтиёҷоту захираҳои молиявию қарзии субъектҳои хоҷагидорӣ нигаронида шуда, манфиатҳои ҳам муассисаҳои молиявию қарзӣ ва ҳам субъектҳои соҳибкориро ҳифз менамояд. Механизми мазкур новобаста аз шароит, сатҳи рушд, хусусиятҳои ҷуғрофии қаламрав, ба принсипҳои самаранокии тадбирҳо, тафовути дақиқ вобаста ба ҳайати иштирокчиёни барномаҳои гуногун, чандирӣ

ва гуногунии воситаҳои истифодашаванда, такя ба нақши ҳукуматҳои маҳаллӣ, бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои молиявии махсус, дурнамо ва ё таъсир ба пешравиҳои минбаъдаи раванди илмию техникӣ тавассути ташаккул ва рушди нерӯи зеҳнӣ ва технологияҳои муосир асос ёфтааст (ниг. ба расми 1).




**Расми 1. - Механизми танзими дастгирии молиявию қарзии соҳаи кишоварзӣ***
***Сарчашма**: *таҳияи муаллиф.*

Дар диссертатсия қайд гардидаст, ки талабот ба қарзҳои кишоварзӣ дар кишварҳои пешрафтаи саноатӣ хеле баланд аст ва ин имкон медиҳад, ки фоизи қарз барои қарзи ипотека тақрибан 10% нигоҳ дошта шавад. Ҳамзамон, ба бозори сармоягузорӣ рақобати шадид хос мебошад, ки ба зиёд шудани мӯҳлати қарз оварда мерасонад. Дар навбати худ, ташкилотҳои қарзӣ барои истифодабарии маблағҳои қарзӣ шароити сахттарро муқаррар мекунанд.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ бонкҳои тиҷоратӣ қисми зиёди захираҳои худро ба воситаи пешниҳоди қарз байни субъектони иқтисодӣ тақсим мекунанд. Ҳаҷми гардиши маблағгузориҳои бонкӣ ба соҳаи кишоварзӣ дар давлатҳои Осиёи Марказӣ дар соли 2021 ба 60 405,89 млн. долл. ИМА баробар гардид. Аз ин нишондиҳанда 15 339,19 млн. долл. ИМА (25,4%) ба Узбекистон, 42 851 млн. долл. ИМА (70,94%) ба Қазоқистон, 2138,2 млн. долл. ИМА (3,53%) ба Қирғизистон ва 77,1 млн. долл. ИМА (0,13%) ба Тоҷикистон рост меояд (ниг. ба ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. - Маблағгузориҳои бонкӣ ба соҳаи кишоварзии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар солҳои 2017-2021, млн. долл. ИМА***

| Номи давлатҳо | | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/2017 (+/-, %) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Узбекистон** | **I** | 6 100,99 | 12 918,35 | 14 805,31 | 12 141,69 | 15 339,19 | **+ 151,4** |
| | **II** | 1 655,59 | 2 208,09 | 1 477,95 | 1 791,77 | 1 949,98 | **+ 17,8** |
| **Қазоқистон** | **I** | 38 231 | 34 075 | 36 371 | 34 758 | 42 851 | **+ 12,1** |
| | **II** | 2 092 | 1 275 | 667 | 557 | 788 | **- 62,3** |
| **Қирғизистон** | **I** | 1565,6 | 1821,5 | 2091,0 | 1958,2 | 2138,2 | **+ 36,6** |
| | **II** | 324 | 355 | 371 | 390 | 417 | **+ 28,9** |
| **Тоҷикистон** | **I** | 783,9 | 710,6 | 791,2 | 787,9 | 77,1** | **- 90,2** |
| | **II** | 94,4 | 81,7 | 15,9 | 67,6 | 6,5** | **- 93,2** |
| **Ҳамаи қарзҳои бонкӣ** | **I** | **46681,64** | **49525,84** | **54058,41** | **49645,90** | **60405,89** | **+ 29,4** |
| | **II** | **4 165,71** | **3 919,21** | **2 531,34** | **2 806,44** | **3 161,54** | **- 24,1** |
| **Замима: I** – ҳамагӣ; **II** – аз ҷумла, кишоварзӣ. | | | | | | | |

***Сарчашма:** Сомонаи расмии Бонки марказии Узбекистон: https://cbu.uz/ru/statistics/; Сомонаи расмии Бонки миллии Қазоқистон: https://www.nationalbank.kz/ru/page/statistika; Сомонаи расмии Бонки миллии Ҷумҳурии Қиғизистон: https://www.nbkr.kg/index.jsp?lang=RUS; Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон: https://www.nbt.tj/tj/statistics/statisticalbulletin.php.

****Эзоҳ:** Маълумоти омории Тоҷикистон дар соли 2021 омори 9 моҳа мебошад.

Аз таҳлили ҷадвали 1 бармеояд, ки дар соли 2021 дар Осиёи Марказӣ аз 60405,89 млн. долл. ИМА қарзҳои пешниҳодшуда, танҳо 3 161,54 млн. долл. ИМА (5,2%) ба соҳаи кишоварзӣ равона шудааст. Аз ҳиссагузории мазкур дар Узбекистон 3,2%, Қазоқистон 1,8%, Қирғизистон 19,5% ва Тоҷикистон 8,4%-и қарзҳои бонкӣ ба соҳаи кишоварзӣ рост омадааст. Тамоюли рушди маблағгузориҳои бонкӣ ба соҳаи кишоварзӣ дар давлатҳои Осиёи Марказӣ, дар умум, рӯ ба таназзул аст. Масалан, ҳаҷми қарзҳои бонкӣ ба соҳаи кишоварзӣ дар соли 2021 нисбати соли 2017 24,1% кам шуда истодааст. Таъсири ҷиддиро дар нишондиҳандаҳои тамоюли пешниҳоди қарз ба соҳаи кишоварзӣ дар байни ин давлатҳо Қазоқистон ва Тоҷикистон гузошта истодаанд. Аз натиҷаи ин таҳлилҳо бармеояд, ки таваҷҷуҳи низоми бонкӣ ба рушди соҳаи кишоварзӣ дар ин ду давлат кам ба назар мерасад. Коҳиши ҳаҷми қарзҳои бонкӣ ба соҳаи кишоварзӣ дар динамикаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии давлатҳои Осиёи Марказӣ инъикос мегардад.

Аз рӯйи тамоюли рушди захираҳои молиявии бонкҳо ва сарфи онҳо дар соҳаи кишоварзӣ истифодабарии таҷрибаи Узбекистон ва Қазоқистон барои Тоҷикистон самараи бештар дода метавонад, чунки механизми дастгирии молиявии соҳаи кишоварзии ин ду давлат ба афзалиятҳои рушди ин соҳа ва зарурияти таъмини амнияти озуқаворӣ бештар такя мекунад.

Дар диссертатсия таъкид шудааст, ки соҳаи кишоварзӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи назаррасро ишғол мекунад ва ин тамоюл дарояндаи наздик низ идома хоҳад ёфт. Нишондиҳандаҳои асосии рушди соҳаи кишоварзии Тоҷикистон дар ҷадвали зер оварда шудааст (ниг. ба ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. – Динамикаи нишондиҳандаҳои рушди макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013-2020***

| Нишондиҳандаҳо | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2020/13 (+/-, %) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ММД, млн. сомонӣ | 40525,5 | 45606,6 | 50977,8 | 54790,3 | 64434,3 | 71059,2 | 79109,8 | 82543,0 | **203,7** (+103,7) |
| ММД ба сари аҳолӣ, сомонӣ | 5019,1 | 5523,7 | 6031,7 | 6336,3 | 7291,4 | 7870,2 | 8580,1 | 8788,9 | **175,1** (+75,1) |
| Кишоварзӣ, млн. сомонӣ | 25619,6 | 26772,3 | 27628,9 | 29053,9 | 31029,6 | 32257,2 | 34558,7 | 37616,6 | **146,8** (+46,8) |
| - *растанипарварӣ, млн. сомонӣ* | 19465,5 | 19849,0 | 20203,6 | 21223,9 | 22761,1 | 23546,4 | 25355,7 | 27447,3 | **141,0** (+41,0) |
| - *чорвопарварӣ, млн. сомонӣ* | 6154,1 | 6923,4 | 7425,3 | 7830,0 | 8268,5 | 8710,8 | 9203,0 | 10169,3 | **165,2** (+65,2) |
| Индекси маҳсулоти умумии Кишоварзӣ, % | 107,6 | 104,5 | 103,2 | 105,2 | 106,8 | 104,0 | 107,1 | 108,8 | **+ 1,2** |
| Шумораи хоҷагиҳои давлатии кишоварзӣ, адад | 372 | 314 | 183 | 132 | 129 | 147 | 148 | 159 | **42,7** (-57,3) |
| Шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ, адад | 87594 | 108035 | 123379 | 145107 | 164631 | 172668 | 171975 | 179005 | **204,4** (+104,4) |
| Замини кишти зироатҳои кишоварзӣ (дар тамоми категорияҳои хоҷагӣ), ҳаз. гектар | 864,9 | 828,4 | 830,6 | 837,3 | 837,2 | 826,7 | 847,0 | 856,7 | **99,1** (-0,9) |
| Қарзҳои бонкҳо аз рӯйи соҳаҳо, млн. сомонӣ | 6 155,3 | 7 888,9 | 9 350,0 | 8 230,1 | 6 913,0 | 6 700,7 | 7 664,7 | 8 903,7 | **144,7** (+44,7) |
| - ба соҳаи кишоварзӣ, млн. сомонӣ | 931,7 | 945,1 | 1 003,1 | 1 036,8 | 832,4 | 770,8 | 154,3 | 764,4 | **82,0** (-18) |
| Гардиши савдои хориҷӣ, млн. доллари ИМА | 4988,8 | 5274,7 | 4326,2 | 3929,9 | 3972,9 | 4224,3 | 4523,7 | 4557,8 | **91,4** (-8,6) |
| - *содирот, млн. доллари ИМА* | 943,4 | 977,3 | 890,6 | 898,7 | 1198,0 | 1073,3 | 1174,4 | 1406,9 | **149,1** (+49,1) |
| - *воридот, млн. доллари ИМА* | 4045,4 | 4297,4 | 3435,6 | 3031,2 | 2774,9 | 3151,0 | 3349,3 | 3150,9 | **77,9** (-22,1) |

***Сарчашма:** Маҷмӯаи омори Тоҷикистон: 30 - Соли истиқлолияти давлатӣ, 2021. С. 19, 339, 435, 436. Бюллетени омори бонкӣ. – Душанбе, 2018. - №12 (281). - С.42. Бюллетени омори бонкӣ. – Душанбе, 2019. - №12 (293). - С.45. Бюллетени омори бонкӣ. – Душанбе, 2020. - №12 (305). - С.41.

Таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвали 2 нишон доданд, ки дар сохтори ММД ҳиссаи истеҳсоли молҳо дар соли 2020 нисбат ба соли 2013 2 маротиба афзоиш ёфтааст, ки ин асосан аз ҳисоби афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, кишоварзӣ ва содироти молу маҳсулот ба вуқӯъ пайваст. Ҳамзамон, афзоиши ҳиссаи соҳаи саноат дар соли 2020 нисбати соли 2013 ба андозаи 310,4 банди фоизӣ ва ҳиссаи кишоварзӣ - 146,8 банди фоизӣ ба назар мерасад.

Дар соли 2020 суръати рушди гардиши савдои хориҷӣ нисбат ба соли 2013 8,6 банди фоизӣ кам, аз ҷумла ҳаҷми содирот 49,1 банди фоизӣ зиёд гардида, ҳаҷми воридоти мол 22,1 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст. Сабаби коҳишёбии ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ, хусусан воридоти мол ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ин таъсири вируси COVID-19 мебошад, ки дар ин давра аксарияти давлатҳои ҷаҳон кӯшиш намуданд, ки нисбати воридоту содирот маҳдудятҳо барои пешгири намудани вируси COVID-19 роҳандозӣ намоянд.

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки барои боз ҳам беҳтар намудани вазъи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз ҷониби субъектҳои кишоварзӣ дуруст истифодабарии захираҳои молиявию қарзӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим мебошад. Аз ин рӯ, дар рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ захираҳои молиявию қарзӣ нақши калидӣ дошта, он ҳамчун фишанги молиявӣ ба ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии субъектҳои ин соҳа таъсири мусбӣ мерасонад.

Раванди таҳлил нишон дод, ки ба низоми захираҳои молиявию қарзӣ маблағгузориҳои буҷети давлатӣ, грантҳо, ҷалби қарзҳои давлатӣ ва сармоягузориҳои хориҷӣ, пасандозҳои шахсони воқеӣ дар бонкҳо ва фондҳои суғуртавӣ шомил мебошанд. Динамикаи рушди онҳо барои солҳои 2013-2020 дар ҷадвали 3 оварда шудааст (ниг. ба ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. – Динамикаи нишондиҳандаҳои ҳаҷми захираҳои молиявию қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013-2020***

| Нишондиҳандаҳо | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2020/13 (+/-, %) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Маблағгузориҳои буҷети давлатӣ ба соҳаи кишоварзӣ, млн. сомонӣ | 247,8 | 274,1 | 353,4 | 451,1 | 689,4 | 571,5 | 632,4 | 170,7 | **-31,1** |
| Ҷалби грантҳо, млн. сомонӣ | 195,4 | 31,5 | 410,0 | - | 169,6 | 100,7 | - | 1150,7 | **+488,9** |
| Қарзи давлатӣ, млн. доллари ИМА | 2188,5 | 2095,9 | 2194,5 | 2274,1 | 2879,01 | 2924,21 | 2925,28 | 3243,72 | **+48,2** |
| Сармоягузориҳои хориҷӣ, млн. доллари ИМА | 1011,9 | 909,3 | 977,8 | 842,7 | 1100,4 | 644,4 | 607,1 | 428,5 | **-57,7** |
| Бақияи амонатҳои шахсони воқеӣ дар бонкҳо, млн. сомонӣ | 3532,5 | 4062,9 | 5111,6 | 5276,9 | 4344,4 | 4107,9 | 4239,3 | 5338,1 | **+51,1** |
| Маблағи фондҳои суғуртавӣ, млн. сомонӣ | 128,6 | 118,1 | 121,3 | 118,2 | 162,1 | 226,1 | 227,2 | 235,0 | **+82,7** |

***Сарчашма:** Маҷмӯаи мори Тоҷикистон: 30 - соли Истиқлолияти давлатӣ. С. 373, 687, 690, 691. Маҷмӯаи омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. С.436-462.

Аз таҳлил ва тамоюли рушди захираҳои молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013-2020 аён аст, ки дар соли 2020 аз шаш нишондиҳанда танҳо дутои он (маблағгузориҳои буҷети давлатӣ ба соҳаи

кишоварзӣ ва сармоягузориҳои хориҷӣ) рӯ ба таназзул аст. Масалан, маблағгузориҳои буҷети давлатӣ ба соҳаи кишоварзӣ дар соли 2020 ба 170,7 млн. сомонӣ ва сармоягузориҳои хориҷӣ ба 428,5 млн. доллари ИМА баробар гашта, мутаносибан, -31,1% (-77,1 млн. сомонӣ) ва -57,7% (-583,4 млн. доллари ИМА) нисбати соли 2013 коҳиш ёфтаанд. Динамикаи мусбати нишондиҳандаҳои боқимонда дар ин давра ба раванди фаъолияти субъектҳои кишоварзии Тоҷикистон таъсири назаррас расонидаанд.

Аз ҳаҷми ҷалби захираҳои молиявию қарзӣ, аз ҷумла «*қарзи давлатӣ дар ҳаҷми 1818,4 млн. сомонӣ ва маблағҳои грантӣ* 1150,7 *млн. сомонӣ дар соли 2020 воридгашта, танҳо 403,7 млн сомонӣ маблағ дар соҳаи кишоварзӣ истифода гардидааст*»[1]. Нишондиҳандаи мазкур (11,05%) барои рушди фаъолияти субъектҳои кишоварзии Тоҷикистон чандон назаррас нест. Барои боз ҳам беҳтар намудани вазъи молиявии субъектҳои кишоварзӣ ҳадди ақал аз даҳ се ҳиссаи вориди маблағҳои беруна бояд ба соҳаи кишоварзӣ равона гардад, чунки соҳаи мазкур метавонад вазъи бехатарии маҳсулоти озуқавориро дар ҳудуди ҷумҳурӣ дар сатҳи муътадил таъмин намояд.

Таҳлил нишон дод, ки маблағгузории бонкҳои тиҷоратӣ ба субъектҳои хоҷагидорӣ дар солҳои 2015-2020 пайваста зиёд гардидааст (ниг. ба расми 2).




**Расми 2. - Динамикаи маблағгузории бонкҳои тиҷоратӣ ба субъектҳои хоҷагидорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, млн. сомонӣ***

***Сарчашма:** Бюллетени омори бонкӣ, 2018. - № 12 (281). – С.38-42. Бюллетени омори бонкӣ, 2019. - № 12 (293). – С.41-45. Бюллетени омори бонкӣ, 2020. - № 12 (305). – С.37-39.

Таҳлили тамоюли рушди маблағгузорӣ ба субъектҳои хоҷагидорӣ нишон дод, ки ҳаҷми умумии маблағгузориҳо дар соли 2020 (8903,7 мнл. сомонӣ) нисбат ба соли 2013 тахминан 145,0% (2748,4 млн. сомонӣ) афзудааст. Лекин, таҳлили муқоисавии нишондиҳандаи ҳамаи маблағгузориҳои соли 2020 нисбат ба соли 2015 коҳиши онро ба андозаи 4,8% нишон дод. Сабаби чунин пастравии ҳаҷми маблағгузории бонкӣ дар муфлисшавӣ ва барҳамхӯрии як қисми бонкҳои

[1] Сомонаи расмии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: http://moliya.tj/wp-content/uploads/2021/06/4-kvartali-2020.pdf

тиҷоратӣ, аз ҷумла ҶСК “Тоҷиксодиротбонк”, ҶСК “Агроинвестбонк”, ҶСП “Тоҷпромбонк” ва ҶСП “Фононбонк” зоҳир мегардад.

Дар диссертатсия аниқ карда шуд, ки сатҳи маблағгузории бонкҳо ба субъектҳои хоҷагидорӣ, хусусан ба соҳаи кишоварзӣ низ коҳиш ёфтааст. Ин бузургӣ аз 931,7 млн. сомонӣ (соли 2013) то ба 764,4 млн. сомонӣ (соли 2020), ё ба андозаи 18,0 % кам шудааст. Чунин тамоюли камшавии ин соҳа дар баробари муфлисшавии бонкҳои тиҷоратӣ ба суст гардидани ҳаҷми маблағгузориҳои бонкӣ ба субъектҳои кишоварзӣ, сатҳи пасти сармоягузории онҳо ва заминаи маҳдуди захираҳо низ робитаи ҷиддӣ дорад.

Дар диссертатсия қайд карда шудааст, ки дар Тоҷикистон ҳадафи стратегии сиёсат дар соҳаи қарздиҳӣ ва дастгирии молиявии субъектҳои кишоварзӣ таъсиси низоми махсуси қарздиҳии кишоварзӣ мебошад, ки хусусияти ин соҳаро дар бозори қарзӣ бояд ба назар бигирад.

Дар диссертатсия натиҷаи таъмингардии субъектҳои соҳаи кишоварзӣ бо захираҳои молиявию қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳогузорӣ шудааст.

Дар соли 2020 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз рӯйи ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ ба 37616,1 млн. сомонӣ баробар гардида, суръати рушди он нисбат ба соли 2013-ум 1,2 фоиз афзоиш ёфтаст (ниг. ба расми 3).




**Расми 3. - Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва суръати афзоиши воқеии он дар солҳои 2013-2020***

***Сарчашма:** *Маҷмӯаи омори Тоҷикистон: 30 - Соли истиқлолияти давлатӣ, 2021. С.25, 437.*

Дар давраи мазкур дида мешавад, ки суръати рушди ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар шакли чандирӣ қарор дорад. Масалан, дар соли 2013 нишондиҳандаи мазкур ба 107,6 банди фоизӣ баробар гардида буд, вале дар солҳои 2014 ва 2015 он рӯ ба таназул аст. Яъне, тағйиротҳои манфӣ дар соли 2014 -3,1% ва дар соли 2015 -4,4% нисбати соли 2013 мебошанд. Сабаби инро мо дар нисбатан кам гардидани ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ (хусусан, кам гардидани ҳаҷми содироти маҳсулот) ва қисман фалаҷ гардидани як қисми бонкҳои бонуфузи ҷумҳурӣ дида метавонем.

Дар диссертатсия қайд мегардад, ки то имрӯз ҳамоҳангсозии зинаҳои гуногуни мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар дастгирии бахши

кишоварзӣ муайян ва танзим нашудааст. Зарурати дастгирии субъектҳои кишоварзӣ дар сатҳи минтақавӣ ва маҳаллӣ аён аст, аммо бинобар номукаммалии чорабиниҳо дар сатҳи минтақавӣ оид ба дастгирии соҳаи кишоварзӣ, бар асари таъсири зуҳуроти фасод, муқаррар кардани монеаҳо дар воридот ва содироти маҳсулоти кишоварзӣ, ҳифзи бозори дохила (протексионизм) нисбат ба истеҳсолкунандагони алоҳидаи кишоварзӣ бар зиёни дигарон ва ғайра мушоҳида мешавад. Ҳамаи инҳо барои таъмини рушди бозори ягонаи кишоварзӣ ва тамоми соҳаи кишоварзӣ монеаи назаррас мебошанд.

Ҳангоми танзими давлатии муносибатҳои аграрӣ дар назар доштан зарур аст, ки чорабиниҳо бояд дар пояи усулҳои танзим асоснок ва мушаххас шуда, мутобиқи стандартҳои мавҷуда таҳия гарданд.

Дар диссертатсия ошкор шудааст, ки дахолати давлат ба ин равандҳо дар соҳае, ки ба дастгирӣ ва танзими давлатӣ бештар эҳтиёҷ дорад, бояд асоснок карда шавад, зеро татбиқи бомуваффақияти ин усулҳо танзими самарабахши муносибатҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқиро талаб мекунад. Низоми танзими давлатии соҳаи кишоварзӣ дар расми 4 нишон дода шудааст (ниг. ба расми 4).




**Расми 4. - Низоми танзими давлатии соҳаи кишоварзӣ***

***Сарчашма**: *таҳияи муаллиф.*

Ташаккулёбӣ ва рушди низоми танзими давлатӣ ва дастгирии бахши аграрии иқтисодиёт қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқиро талаб мекунад, ки барои ташкили зернизоми ягонаи қонунгузории кишоварзӣ шароити мусоид фароҳам меоваранд.

Бо назардошти низоми мураккаби тадбирҳои танзимкунандаи ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва ташкилӣ, ки манфиатҳои ҳамаи иштирокчиён ва консепсияи рушди сиёсати аграрӣ ва қарзии давлатро таъмин мекунанд, рушди соҳаи сиёсати аграриро дар шакли як сохтори муайян метавон пешниҳод намуд (ниг. ба расми 5).




**Расми 5. - Сохтори сиёсати стратегияи рушди аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон***

***Сарчашма**: *таҳияи муаллиф.*

Ҳадафи сиёсати стратегияи рушди аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намудани такрористеҳсоли пайваста дар соҳаи кишоварзӣ, ташкили ҷойҳои корӣ ва ташаккули сохтори оқилонаи кишоварзӣ мебошад.

Стратегияи рушди соҳаи кишоварзӣ аз татбиқи ин ҳадаф оғоз ёфта, аз дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ, муайян намудани афзалиятҳои соҳавӣ ва минтақавӣ, озодкунии тиҷорат ва баланд бардоштани сифати зиндагӣ дар деҳот иборат аст.

Татбиқи ин стратегия бо истифода аз фишангҳои иқтисодӣ, аз ҷумла маблағгузории буҷет, маҳсулоти афзалиятноки кишоварзӣ дар якҷоягӣ бо бонкдорӣ, қарздиҳӣ ба шаклҳои алтернативии маблағгузории субъектҳои кишоварзӣ ва рушди иттифоқҳои қарзӣ ҳамчун яке аз тадбирҳои баланд бардоштани вазъи иқтисодии соҳаи аграрӣ имконпазир аст.

Дар диссертатсия қайд мегардад, ки низоми ҳамкориҳои қарзӣ, ки метавонанд нисбатан осонтар маблағҳои озоди шахсони воқеиро ҷамъ намуда, онҳоро ба татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории фоиданоки соҳаи кишоварзӣ равона кунанд, унсури муассири механизми қарздиҳӣ ва молиявии субъектҳои кишоварзии Тоҷикистон буда метавонанд. Нишондиҳандаҳои истифодабарии захираҳои молиявию қарзӣ дар соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ дар пояи модели муосири математикӣ баҳогузорӣ гардида, дурнамои он барои давраи то соли 2030 пешниҳод мешавад (ниг. ба ҷадвали 4).

**Ҷадвали 4. - Истифодаи захираҳои молиявию қарзӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2010-2020, млн. сомонӣ***

| Солҳо | ММД - Y | Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ - $X_1$ | Маблағгузориҳои буҷети давлатӣ ба соҳаи кишоварзӣ - $X_2$ | Бақияи амонатҳои шахсони воқеӣ дар бонкҳо - $X_3$ | Қарзҳои бонкӣ ба соҳаи кишоварзӣ - $X_4$ |
|---|---|---|---|---|---|
| **2010** | 24707,1 | 19994,3 | 92,6 | 1467,7 | 647,9 |
| **2011** | 30071,1 | 21575,3 | 300,3 | 2244,9 | 945,5 |
| **2012** | 36163,1 | 23815,3 | 235,4 | 2865,1 | 777,1 |
| **2013** | 40525,5 | 25619,6 | 247,8 | 3532,5 | 931,7 |
| **2014** | 45606,6 | 26772,3 | 274,1 | 4062,9 | 945,1 |
| **2015** | 50977,8 | 27628,9 | 353,4 | 5111,6 | 1003,1 |
| **2016** | 54790,3 | 29053,9 | 451,1 | 5276,9 | 1036,8 |
| **2017** | 64434,3 | 31029,6 | 689,4 | 4344,4 | 832,4 |
| **2018** | 71059,2 | 32257,2 | 571,5 | 4107,9 | 770,8 |
| **2019** | 79109,8 | 34558,7 | 632,4 | 4239,3 | 844,0 |
| **2020** | 82543,0 | 37616,6 | 657,2 | 5338,1 | 764,4 |

***Сарчашма:** Маҷмӯаи омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2015. С.418-426. Маҷмӯаи омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. С.436-462. Маҷмӯаи мори Тоҷикистон: 30 - соли Истиқлолияти давлатӣ. С. 335, 437, 690, 691. Бюллетени омори бонкӣ, 2013. - № 12 (221) – С.53. Бюллетени омори бонкӣ, 2018. - № 12 (281). – С.38-42. Бюллетени омори бонкӣ, 2019. - № 12 (293). – С.41-45. Бюллетени омори бонкӣ, 2020. - № 12 (305). – С.37-39.

Дар диссертатсия бо истифода аз маълумотҳои омори расмӣ модели регрессиявии алоқамандии ММД аз ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ

($X_1$), маблағгузориҳои буҷети давлатӣ ба соҳаи кишоварзӣ ($X_2$), бақияи амонатҳои шахсони воқеӣ дар бонкҳо ($X_3$) ва қарзҳои бонкӣ ба соҳаи кишоварзӣ ($X_4$) пешниҳод шудааст.

Модели математикии мазкур матритсаи зарибҳои коррелятсияи ҷуфт ном дошта, ба воситаи он натиҷаҳои муҳими пакети барномаҳои амалӣ пайдо мегардад. Натиҷаҳои бамиёномадаи матритсаи зарибҳои коррелятсияи ҷуфт дар ҷадвали 5 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 5. - Матритсаи зарибҳои коррелятсияи ҷуфт, млн. сомонӣ**

| Нишондиҳандаҳо | ММД – Y | Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ - $X_1$ | Маблағгузориҳои буҷети давлатӣ ба соҳаи кишоварзӣ - $X_2$ | Бақияи амонатҳои шахсони воқеӣ дар бонкҳо - $X_3$ |
|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ($X_1$) | 0,991789 | - | - | - |
| Маблағгузориҳои буҷети давлатӣ ба соҳаи кишоварзӣ ($X_2$) | 0,932185 | 0,910567 | - | - |
| Бақияи амонатҳои шахсони воқеӣ дар бонкҳо ($X_3$) | 0,765392 | 0,802655 | 0,691805 | - |
| Қарзҳои бонкӣ ба соҳаи кишоварзӣ ($X_4$) | -0,05231 | -0,02185 | -0,00376 | 0,465063 |

****Сарчашма***: *таҳияи муаллиф.*

Аз натиҷаи баҳогузории матритсаи зарибҳои коррелятсияи ҷуфт дида мешавад, ки ММД ҳамчун нишондиҳандаи вобаста, танҳо бо се омил: ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ($X_1$), маблағгузориҳои буҷети давлатӣ ба соҳаи кишоварзӣ ($X_2$) ва бақияи амонатҳои шахсони воқеӣ дар бонкҳо ($X_3$) алоқамандии зич дорад, чунки қимати натиҷаи ҳар се зариби коррелятсия ба 1 наздик аст. Омили қарзҳои бонкӣ ба соҳаи кишоварзӣ ($X_4$) бо ММД алоқамандии зич надорад, чунки зариби вобастагии омили қарзҳои бонкӣ аз ММД дар матритсаи зарибҳои коррелятсияи ҷуфт ба -0,05231 баробар гардид.

Мушкилии дигар дар моделсозии регрессионӣ байниҳам алоқаманд будани омилҳои новобаста мебошад. Дар масъалаи гузошташуда ин ҳолат ҷой дорад, яъне ҳарду омили новобастаи $X_1$, $X_2$ ва $X_3$ байни ҳам алоқаманд мебошанд ($R_{x1x2}$=0,910; $R_{x1x3}$=0,803; $R_{x2x3}$=0,692) ва сохтани модели регрессионӣ қобили қабул набуда, парметрҳои он шарҳи ғалатро медиҳанд. Бинобар ин, алоқамандии ММД аз омилҳои $X_1$, $X_2$ ва $X_3$ дар алоҳидагӣ бо моделҳои регрессияи содда аниқ карда мешавад.

Омили қарзҳои бонкӣ ба соҳаи кишоварзӣ ($X_4$) ба ягон қонунияти рушд итоат намекунад, ҳосил кардани дурнамо аз натиҷаҳои бадастомада ғайриимкон

аст. Бинобар ин, дар ҷадвали 6 нишондиҳандаи қарзҳои бонкӣ ба соҳаи кишоварзиро ҷойгир карда нашудаанд.

Натиҷаи таҳлилҳои гузаронидашуда нишон дод, ки сифати моделҳои ренгрессионии (1) ва (2) дар сатҳи хуб қарор дорад, ва онҳо барои ояндабинӣ то давраи соли 2030 истифода шудаанд (ниг. ба ҷадвали 6).

**Ҷадвали 6. - Дурнамои захираҳои молиявию қарзӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, млн. сомонӣ**

| Солҳо | ММД (млн. сомонӣ) | Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ (млн. сомонӣ) | Маблағгузориҳои буҷети давлатӣ ба соҳаи кишоварзӣ (млн. сомонӣ) | Бақияи амонатҳои шахсони воқеӣ дар бонкҳо (млн. сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| **2023** | 99782,4 | 41154,51 | 861,92 | 6337,1 |
| **2024** | 105664,5 | 42776,99 | 918,46 | 6645,2 |
| **2025** | 111546,5 | 44399,46 | 975,01 | 6953,4 |
| **2026** | 117428,6 | 46021,94 | 1031,55 | 7261,5 |
| **2027** | 123310,6 | 47644,42 | 1088,10 | 7569,7 |
| **2028** | 129192,6 | 49266,89 | 1144,64 | 7877,8 |
| **2029** | 135074,7 | 50889,37 | 1201,19 | 8185,9 |
| **2030** | 140956,7 | 52511,85 | 1257,73 | 8494,1 |

***Сарчашма**: *таҳияи муаллиф.*

Аз маълумотҳои ҷадвали 6 дида мешавад, ки дурнамо бо модели матритсаи зарибҳои коррелятсияи ҷуфт натиҷаи мусбӣ дорад. Бинобар ин, дурнамои дар ҷадвали охирин пешниҳодшуда некбинона арзёбӣ карда мешавад. Тибқи маълумотҳои ҷадвал дар соли 2030 ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохила ба 140956,7 млн. сомонӣ, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба 52511,85 млн. сомонӣ, маблағгузориҳои буҷети давлатӣ ба соҳаи кишоварзӣ ба 1257,73 млн. сомонӣ ва бақияи амонатҳои шахсони воқеӣ дар бонкҳо ба 8494,1 млн. сомонӣ баробар мегарданд, агар омилҳои ба инобат нагирифта ва тасодуфӣ бетағйир бимонанд.

## ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДҲО

### Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия:

